# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «4» октябри соли 2013 № 449 ш. Душанбе

## ДАР БОРАИ ТАРТИБИ ТАШКИЛИ НИЗОМИ ДАВЛАТИИ БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТИ МАВОДИ ЯДРОИЮ МАНБАЪҲОИ АФКАНИШОТИ ИОНДОРКУНАНДА

Мутобиқи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Тартиби ташкили низоми баҳисобгирӣ ва назорати маводи ядроию манбаъҳои афканишоти иондоркунандаи замимагардида тасдиқ карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

Бо Қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «04» октябри соли 2013
№ 449 тасдиқ карда шудааст.

# ТАРТИБИ ТАШКИЛИ НИЗОМИ ДАВЛАТИИ БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТИ МАВОДҲОИ ЯДРОИЮ МАНБАЪҲОИ АФКАНИШОТИ ИОНДОРКУНАНДА

Тартиби ташкили низоми давлатии баҳисобгирӣ ва назорати маводҳои ядроию манбаъҳои афканишоти иондоркунанда (минбаъд - тартиб) мутобиқи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи энергияи атомӣ» таҳия карда шудааст.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.Санади мазкур тартиби ташкили низоми давлатии баҳисобгирӣ ва назорати маводҳои ядроию манбаъҳои афканишоти иондоркунандаро бо мақсади таъмини реҷаи паҳн накардани яроқи ядрой, коҳищёбии эҳтимолияти шуоъдиҳии зарaррасони тасодуфии маводҳои ядрой ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда ё истифодабарии қасдии онҳо барои расонидани зарар ба аҳолӣ ва муҳити зист, инчунин иҷро намудани талаботҳои Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии байналмилалии энергияи атомӣ (АБЭА - МАГАТЭ) оид ба татбиқи кафолатҳо тибқи (аз 14 декабри соли 2004) дар робита бо Шартнома оид ба паҳн накардани яроқи ядрой аз 12 июни соли 1968 (ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷӣкистон 17 январи соли 1995) ва протоколҳои он муайян менамояд.

2.Талаботи Тартиби мазкур ба ҳама шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро новобаста аз шакли моликият, мансубияти идоравӣ ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки бо фаъолияти вобаста ба муомилоти маводҳои ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда (истеҳсол, истифодабарӣ, коркард, ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ, ҷойгиркунии маводи ядроӣ, моддаҳои радиоактивӣ, манбаъҳои афканишоти ионофари аз истифода баровардашуда, интиқол тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни содирот ва воридоти маводҳои ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти ионофар, гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ) машғуланд, фаро мегирад.

3.Баҳисобгирӣ ва назорати давлатии маводҳои ядроию манбаъҳои афканишоти иондоркунанда бо мақсади зерин амалӣ карда мешавад:

-муайянсозии аниқи миқдори мавҷудаи маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда дар нуқтаҳои (маҳалҳои) ҷойгиршудаи онҳо;

-пешгирии гум кардан, истифодаи беиҷозат ва тасарруфи онҳо;

-пешниҳоди маълумоти фаврӣ оид ба мавҷудият ва тағйирёбии макони ҷойгиршавӣ, аз истифода баровардан ва гӯронидан, содирот ва воридоти маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда ба мақомотҳои ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба ташкилотҳои байналмилалии соҳаи муайян ва давлатҳо тибқи созишномаҳои аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон имзошуда;

-таъмини иттилоотии мақоми ваколатдори давлатӣ барои таҳрир ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ дар доираи салоҳияташон оид ба муомилоти маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда ба нафъи амнияти аҳолӣ ва ҳифзи муҳити зист.

**2. Маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда, ки ба баҳисобгирӣ ва назорати давлатӣ дохил мешаванд:**

-манбаъҳои афканишоти иондоркунанда (манбаъҳои радиоактивии кушода ва пӯшида, ки миқдор ва фаъолнокии онҳо аз сатҳи бозпас гирифтан (озодшавӣ) баланд мебошанд ва таҷҳизотҳои ҳосилкунандаи афканишоти иондоркунанда, ки энергия афканишоташон аз 5 кэВ зиёд мебошад,);

-манбаъҳои афканишоти иондоркунандаи навсохташуда зимни воридот ба анбори маҳсулоти тайёр;

-маводҳои ядроӣ (маводи ибтидоӣ: маводи дорои уран ва/ё торий; ва маводи таҷзияшавандаи махсус: маводи дорои плутоний-239, изотопҳои америций ва/ё нептуний, маводи бо изотопи плутоний-238, бо изотопҳои уран-233, уран-235 ғанӣ гардонидашуда).

5.Доруҳои радиофармасевтӣ, маҷмӯъҳо барои таҳлили иммунологӣ, ҳосилкунандагони (генераторҳои) радиоизотопии таъиноти тиббӣ, пайвастагиҳои бо радионуклидҳо нишонадоршуда, инчунин доруҳо ва маҳлулҳои радиоизотопӣ дар асоси радионуклидҳои кӯтоҳумр бо даври нимкоҳиши то 60 (шаст) шабонарӯз, азҷумла йод-125 танҳо дар ташкилотҳои истифодашаванда баҳисоб гирифта мешаванд ва маълумот оид ба миқдори воридоти солона ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешавад.

**3.Баҳисобгирӣ ва назорати маводҳои ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда:**

6.Баҳисобгирӣ ва назорати маводҳои ядроию манбаъҳои афканишоти иондоркунанда аз ҷониби

Агентии амнияти ядрой ва радиатсионии назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоти истифодабаранда тибқи ваколати онҳо амалӣ карда мешавад ва он аз марҳилаи аввали истеҳсол то гӯронидани пурра бурда мешавад.

7.Агентии амнияти ядрой ва радиатсионии назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин назорати маводҳои ядрой ва манбаъҳои афканишоти иондоркунандаро амалӣ менамояд, ки дар қаламрави Тоҷикистон ва ё дар зери доираи ҳуқуқи он мебошанд.

8.Бо мақсади амалӣ гардонидани бақайдгирии маводҳои ядрой ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда барои таъмини баҳисобгирии онҳо, назорати мавҷудият ва ҳаракати онҳо, инчунин барои пешгӯии ҷамъшавии онҳо, ҳаҷми хизматрасонӣ, ниёзи корхонаҳои маводҳои ядрой ва манбаъҳои афканишоти ионофар истеҳсолкунанда ба иқтидори истеҳсолӣ ва корхонаҳои махсусгардонидашуда оид ба муомилот бо партовҳои радиоактивӣ дар доираи низоми давлатии баҳисобгирӣ ва назорати маводҳои ядрой ва манбаъҳои афканишоти ионофар Махзани маълумоти давлатии маводи ядрой ва Феҳристи давлатии манбаъҳои афканишоти ионофар таъсис дода мешавад.

9.Баҳисобгирии давлатии маводҳои ядрой ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда аз ҷониби Агентии амнияти ядрой ва радиатсионии назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси намунаҳои баҳисобгирии махсус амалӣ карда мешавад.

10.Барои муайянкунии мавҷудияти ҳақиқии маводи ядрой ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда ташкилоти истифодабаранда тафтишот ва барӯйхатгирии (инвентаризатсияи) ҳарсолаи онҳоро мегузаронад.

11.Баҳисобгирӣ ва назорати давлатии маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда ба маълумотҳои баҳисобгирии ибтидоӣ зимни истеҳсол, истифодабарӣ, коркард, истифодаи дуюмкарата, нигоҳдорӣ, кӯчиш ва гӯронидани маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти ионофар, ки аз ҷониби ташкилоти истифодабаранда амалӣ мешавад, аз ҷумла баҳисобгирии онҳо зимни убури сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбанд. Пешбурди баҳисобгирии маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда аз рӯи микдор, ҳаҷм, фаъолнокӣ, таркиби радиоизотопӣ, нуктаҳои (ҷойҳои) ҷойгиршавӣ, нигоҳдорӣ ва гӯронидани онҳо ба роҳ монда мешавад.

12.Баҳисобгирӣ ва назорати давлатии маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ, ки ҷамоварӣ, коркард ва интиқоли маълумот, муҳофизати он аз истифодаи берухсат ва мубодилаи маълумот бо дигар низомҳои иттилоотиро мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд, амалӣ карда мешаванд.

13.Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳояш корҳои зеринро таъмин менамояд:

-ташкил ва фаъолияти низоми баҳисобгирӣ ва назорати маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда;

-идоракунии ҷамоварӣ ва нигоҳдории маълумотҳо оид ба баҳисобгирӣ ва назорати маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда;

-гузаронидани тафтишот оид ба санҷиши вазъи низомҳои баҳисобгирӣ ва назорати маводи ядроӣ ва

манбаъҳои афканишоти иондоркунанда дар ташкилоти истифодабаранда;

-ташкили таҳияи дастурамалҳо оид ба пешбурди баҳисобгирӣ ва назорати моводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда;

-ташкил, пешбурд ва сари вақт нав кардани Махзани маълумоти давлатии маводи ядроӣ ва Феҳристи давлатии манбаъҳои афканишоти иондоркунанда;

-пешниҳоди маълумот ба мақомоти давлатӣ дар бораи мавҷудият ва ҳаракати маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда, инчунин дар бораи воридот ва содироташон тибқи дархости онҳо;

-ҳамкорӣ дар доираи созишнома ва барномаҳои (лоиҳаҳои) байналмилалӣ оид ба масъалаҳои баҳисобгирӣ ва назорати маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда тибқи қонунгузории амалкунанда;

-риояи реҷаи махфияти маълумот дар бораи маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда барои пешгирии бе иҷозат дастрасӣ доштан ба онҳо.

14.Ташкилоти истифодабаранда инро таъмин менамояд:

-баҳисобгирии маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда, ки дар тавозуни онҳо мебошанд;

-пешниҳоди маълумотҳои саҳеҳ ба Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мавҷудият, ҷойгиршавӣ, микдор, ҳаракат, воридот ва содироти маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда;

-дар мавриди зарурӣ нигоҳдории муносиби муваққатии маводи ядроӣ ва манбаъҳои афканишоти иондоркунанда;

-муҳофизати ҷисмии объектҳо ва анборҳои дар онҷо маводи ядроӣ ва ё манбаъҳои афканишоти иондоркунанда истифода ва нигоҳдошташаванда тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мешавад.

15.Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Тартиби мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.